Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА -014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: ш. Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/4

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Ализода Ҳусниіули Соҳиб дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 — Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 — Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт)**

Рушди ҷомеаи инсонӣ бо рушди маориф робитаи ногусастанӣ дорад Соҳаи маориф дар шароити имрӯза нерӯи асосии тағйирдиҳандаи тамоми соҳаҳои ҳаёт буда, ба омили муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, маориф ҳамчун василаи бунёдии рушди мамлакат, ноилшавӣ ба сифати нави зиндагӣ хизмат мекунад. Нақш ва аҳамияти соҳаи маориф дар ҳар як марҳилаи таърихӣ назаррас буда, ҳар гунаислоҳот ва дигаргунӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ бамиёномада, маҳз аз ҳамин соҳа ибтидо мегирад. Маориф яке аз соҳаҳои низомсози иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, моҳият ва аҳмияти соҳаи маориф ба соҳаи иҷтимоии иқтисоди миллӣ мансуб аст; чунки тамоюлот дар соҳаи маориф асосан бо омилҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, равандҳои таҳсилотӣ бо саноати миллӣ ва дар маҷмуъ бо рушди иқтисодиёти миллӣ зич алоқаманд мебошанд. Низоми маориф бояд бо назардошти талаботи дурнамои рушди иқтисодиёти миллӣ асосёфта, рушди муосири илмию техникии соҳаҳои иқтисоди миллиро таъмин менамояд.

Бояд зикр намуд, ки ҳолати кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ, динамикаи рушди илмию техникӣ сатҳи муносиби донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳоро дар захираҳои меҳнатӣ талаб мекунад. Дигаргуниҳои ҷаҳоние, ки дар иқтисодиёт сурат гирифта истодаанд, бояд бо омодагии касбии кадрҳо таъмин ва тақвият дода шаванд. Аҳамияти афзалиятнокро зудҳаракатии донишҳо, имконияти навсозии доимии онҳо касб мекунанд. Дар шароити дигаргуниҳои амиқи илмӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва технологӣ маориф ба омили иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал мегардад, ки хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории пешрафти иҷтимоии инсониятро муайян мекунад.

Натиҷаҳои илмӣ, ки зимни таҳдиқот ба даст оварда шудаанд, аз коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии такмили механизмҳои идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар заминаи таҳияи модели идоракунии рушди инфрасохтори инноватсионӣ-таҳсилотӣ дар низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Аҳамияти амалии мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос вобаста ба талаботи бозори меҳнат, такмил додани низоми идоракунии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва ғайра таҳия шудаанд.

Дар автореферат муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти омӯзиши ҷанбаҳои назаривию методологии натиҷаҳои бадастовардаи олимон ва коршиносонро оид ба ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди омӯзиш қарор додиҳад.

Таҳқиқи механизмҳои идоракунии низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва муқаррароти методологии он низ шоистаи диққати махсус аст, ки моҳият ва мундариҷаи механизмҳои иқтисодӣ, хоҷагидорӣ ва ташаккули шуғлро асоснок менамояд.

Аз ин ҷо метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Ҳ.С. аҳамияти муайяни амалӣ дорад. Аҳамияти амалии он дар имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии муассисаҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ зоҳир мегардад. Пешниҳод ва тавсияҳоро оиди ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ ва амалигардонии барномаю стратегияҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардааст. Дар қатори бартариятҳои қайдкардашуда, дар таҳқиқоти мазкур баъзе ҳолатҳои мубоҳисавӣ ва камбудиҳои муайяне низ ба чашм мерасанд.

Хубтару беҳтар мешуд, ки унвонҷӯ дар автореферат таҳқиқоти асарҳои олимони иқтисоддони ватаниро ба пуррагӣ зери назар гирифта, пешниҳод менамуд.

Дар автореферат баъзе хатогиҳои хусусияти техникидошта ба назар мерасад.

Норасоиҳои таъкидшуда ва ҳолатҳои мубоҳисавии зикргардида арзиши мусбӣ ва умумии кори иҷрогардидаро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд. Таҳқиқот мавзуи мубрамро дар бар гирифта, вазифаҳои гузошташуда иҷро гардидаанд. Дастовардҳои илмии барои ҳимоя ироагардида, хулосаю пешниҳодҳои асоснокшуда эътимодбахш буда, бо навоварии илмӣ фарқ мекунанд ва тасаввуроти моро оиди ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ васеъ месозанд, ки ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқанд.

Аз рӯйи автореферат, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рушди низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ», анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин, муаллифи он Ализода Ҳ.С. арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 — Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 — Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Дадоматов Д.Н.

Суроға: 735700, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
Тел: +992(3422)2-38-11; Факс: +992(3422)2-51-70
Email: Info@tsulbp.tj, Email: tsulbp@rambler.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС